# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Назирзода Рамазон Сафар дар мавзӯи “Интродуксияи буттаҳои ороишӣ ( Weigela Thunb ва Clematis L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе”**

**Назирзода Рамазон Сафар дар мавзӯи “Интродуксияи буттаҳои ороишӣ (Weigela Thunb ва Clematis L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ихтисоси 06. 01. 01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст.**

Дар ҳалли масъалаҳои беҳбудии муҳити зисти инсон нақши асосиро растаниҳо ҳамчун як ҷузъи табиии биосфера иҷро мекунанд, ки аз аввал муҳити атрофи инсонро муътадил ва беҳтар менамоянд. Майдонҳои сабз вазъи санитарӣ-гигиении шаҳрро беҳтар менамоянд, ҳаворо аз чангу партовҳои саноатӣ тоза мекунанд, ба қувваи шамол ва садо таъсир мерасонанд, режими гармиро танзим мекунанд, ба ҳолати психофизикии инсон таъсир мерасонанд. Бояд тазаккур дод, ки муҳити шаҳр аз шароити табиии сабзиш, ки мо барои интродутсентҳо тайёр мекунем, хеле фарқ мекунад.

Диссертатсияи Назирзода Рамазон Сафар Яке аз ниҳолҳои ҷолибтарин, ки дар кабудизоркунӣ дар ҷаҳон истифода мешавад, ин намуди авлоди Clematis L. ё Ломонос ва Weigela Thunb ё Вейгела мебошад. Ин ниҳолҳои зебои ороишӣ, ки бо зебоӣ ва гулҳои сершумор метавонанд бо гули садбарг рақобат кунанд ва ҳатто аз садбарг болотар бошанд.

Диссертатсияи унвонҷӯй актуалӣ буда, дар он бори аввал, дар муҳити шаҳри Душанбе омӯзиши ҳамаҷонибаи намудҳои ояндадори Weigela Thunb ва Clematis L. гузаронида, ҳолати таксономии объектҳои интихобшуда муайян карда шуд. Дар асоси равиши мавсими вегетатсия давраҳои пуравҷи ороишии растаниҳо муқаррар карда шуда, давомнокии фенофазаҳои асосӣ ва дарозии давраҳои нашъунамо муайян карда шудааст. Ҷараёни рушд ва инкишофи растаниҳо таҳлил карда шуд. Сохтори анатомии қисмҳои ассимилятсионии Вейгелҳо омӯхта шуд. Усулҳои асосӣ ва ояндадори афзоишёбии объектҳои таҳқиқот муқаррар карда шуданд. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда, ба муваффақияти интродуксия дар муҳити шаҳр баҳои пурра дода шуд. Тадбирҳои агротехникӣ доир ба парвариш ва тадбиқи намудҳои омӯхташуда дар амал коркард карда ва пешниҳод карда шудааст.

Сохтори рисолаи номзадӣ аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисми асосии таҳқиқот, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот ва хулоса иборат

аст. Рисола аз 4 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат буда аз 163 саҳифаи матни компютерӣ, 18 ҷадвал, 44 сурат, 13 расм. Рӯйхати адабиёт аз 199 номгӯй иборат буда, аз ҷумла 7–то бо забони хориҷӣ ва 5–тояш манбаи электронӣ аст.

Мақсади кор-омӯзиши хусусиятҳои биологии намудҳои авлоди Weigela Thunb ва Clematis L. дар шароити шаҳри Душанбе ва пешниҳод кардани роҳҳои истифодаи онҳо дар кабудизоркунӣ.

Навгониҳои илмии бадастомадаи унвонҷӯ ин дар айни замон маълумоти илмӣ ва амалии зиёде доир ба интродуксияи дарахтон ҷамъ шудааст. Дар асоси таҳлилҳои зиёди адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ масъалаҳои таксономия (систематика ва филогения), баромади намудҳои навъи Weigela ва Clematis, ҳолати имрӯза, мутобиқшавӣ ва хусусиятҳои агробиологии навъҳо дар шароити интродуксия дар муҳити гуногуни дунё омӯхта шуданд.

Аз натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф маълум шудааст, ки дар асоси коркарди маводҳои ҷамъовардашуда мақсади кор-омӯзиши хусусиятҳои биологии намудҳои авлоди Weigela Thunb ва Clematis L. дар шароити шаҳри Душанбе ва пешниҳод кардани роҳҳои истифодаи онҳо дар кабудизоркунӣ.

Дар диссертатсия яке аз қисмати муҳим ин таҳлили муқоисавии таҳқиқот дар асосии таҳлили асарҳои олимони ватани ва хориҷӣ дар соҳаи растанипарварӣ, биология, экология, ситология, кабудизоркунӣ, аз китобхонаҳои Милии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширииншоҳ Шоҳтемур, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти ботаника, генетика ва физиологияи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, инчунин Интернет. Таҷрибаҳои амалӣ дар боғи марказии ботаникӣ ва боғи Парчами Миллии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Рисолаи номзадии унвонҷӯй Назирзода Рамазон Сафар дар мавзӯи “Интродуксияи буттаҳои ороишӣ (Weigela Thunb ва Clematis L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ихтисоси 06. 01. 01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ илмӣ навишта шудааст.

Аз рӯи мубрамии худ мавзӯъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани натиҷаҳои диссертатсия мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи

намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Назирзода Рамазон Сафар ба дарёфти номзади илмҳои кишоварзӣ ихтисоси 06. 01. 01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор аст.

Мудири кафедраи биология ва методикаи
таълими он факултети химия ва биологияи
Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, н.и.б. Ҳасанов Алихон

735360, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16
Тел.:+ (992) 91875 67 94;
E-mail: alirhon_hasanov@mail.ru

Имзои Ҳасанов Алихон- ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Ф. Амиров.